УДК 631.15

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРКУНАНДА БА ФАЪОЛСОЗИИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**Исломов Ғ.Ҳ., Пирманова Н.С., Шералиева М.Н.**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур**

**Калимаҳои асосӣ:** *истеҳсолоти кишоварзӣ, молия ва қарз, маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, иқтисодиёти аграрӣ, самаранокӣ.*

Ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули сохторҳои иқтисодии шаклҳои гуногуни моликият, пайдоиши манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ барои азнавсозии техникии корхонаҳои кишоварзӣ ва тағйироти назаррас дар ҳаҷми сармоягузорӣ ва сиёсати андози давлат муносибатҳои навро дар ташаккули манбаъҳои сармоягузорӣ ва арзёбии самаранокии онҳо тақозо мекунад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ қисман тақсими заминҳои кӯҳӣ ва байникуҳӣ оғоз гардида, дар солҳои 1995-1997 - 75 ҳазор гектар замин тақсим карда шуд, ки ин барои бо маводи озуқаворӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намуд. Бо мақсади самаранок ва оқилона истифода бурдани захираҳои замину об, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ҳуҷҷати дахлдор «Дар бораи аз нав ташкил кардани корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ» қабул карда шуд, ки дар раванди иҷроиши он супоришҳои давлатӣ ва нархҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ озод эълон карда шуданд, ки он барои интихоби озод ва истеҳсоли маҳсулот аз тарафи деҳқонон мусоидат намуд.

Ҳамин тавр, ислоҳоти дар соҳаи кишоварзӣ гузаронидашуда ба хоҷагиҳо дар соҳаи кишоварзӣ дар интихоб ва парвариши ҳамаи намудҳои зироатҳои кишоварзӣ озодӣ дода, имкони кишти такрорӣ дар заминҳои холиро дод. Гузаштан ба шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ, ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва хусусигардонии моликият боиси дигаргунии куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ гардид.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир новобаста аз хисороти офатҳои табиӣ ва таъсири омилҳои буҳронӣ, соҳаи кишоварзӣ устувор ва яке аз соҳаҳои рушди иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ба ҳисоби миёна 18-21 фоизи маҳсулоти умумии дохилиро таъмин менамояд.

Сохтори сусти таъминоти логистикии кишоварзӣ, мавҷуд набудани механизми субсидиядиҳии истеҳсолоти кишоварзӣ, низоми нави талабот ва пешниҳодоти умумӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, набудани инфрасохтори кофии маркетинги кишоварзӣ ва номукаммалии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ суръати зарурии тараққиёти хочагии қишлоқ, таъмин карда натавонистанд.

Аз ҷумла, рушд ва такмили низоми маркетингии бозори кишоварзӣ, тафриқакунонии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва низомии стандартҳо оид ба истеҳсол ва сатҳи бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ зарур буд.

Бинобар ин, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ «Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» қабул гардид. Барномаи мазкур барои муайян намудани самтҳо ва усулҳои стратегии таъмини кишоварзии сердаромад ва содиротӣ бо дарназардошти вазифаҳои умумии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ, ноил шудан ба амнияти озуқаврии миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Барномаи мазкур дар асоси асноди стратегии дар ҷумҳурӣ қабулшуда таҳия шудааст. Дар барнома тағйироти назаррас дар сиёсати макроиқтисодӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии бахши кишоварзӣ, ки солҳои охир ба амал омадаанд, таъсири афзояндаи равандҳои дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба амал-омада, инчунин вазъи иқтисоди кишвар ба назар гирифта шудааст, ки дар робита ба буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳамаи ин зарурати баҳо додан ба имкониятҳои хоҷагии қишлоқ, аниқ кардани вазифаҳо, мақсадҳо ва самтҳои сиёсати аграрӣ, тартиб додани усулҳо ва роҳҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки бартараф намудани баъзе масъалаҳоро муайян мекунад.

Барнома ба чанд шарт, аз он ҷумла таъмини ҳуқуқи истифодаи замин ва об, таъмини "озодии интихоби зироат" ва таъмини танзими бозор, таъмини одилона ва устувори таъминоти маҳсулот ва хидматрасонии кишоварзӣ асос ёфтааст. Дар асоси ин шартҳо, кишоварзон бояд ба молия ва қарз дастрасӣ дошта бошанд. Бояд низоми қарздиҳии ташкилотҳои қарзии хурд ҳамчун намунаи таҷрибаи пешқадам истифода бурда шавад.

Барномаи мазкур васеъ намудани дастрасии хоҷагиҳои кишоварзиро ба заминҳои корам пешбинӣ намуда, ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, ба эътидол овардани вазъи молиявии онҳо ва кафолати сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Ин барнома инчунин ба бартараф кардани камбуди шадиди маводи кишоварзӣ ва нокифоя будани хизматрасонии зарурӣ нигаронида шудааст. Дастрасӣ ба тухмиҳои хушсифат, нуриҳои минералӣ ва маводи кимиёвии асосӣ, инчунин дастрасии бештар ба хидматрасонии байторӣ ва кишоварзӣ (ҳифзи растанӣ, мубориза бо ҳашароти зараррасон ва бемориҳо) аз ҷониби бахши хусусӣ таъмин карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар давоми солҳои 2012-2019 дар доираи барномаҳои соҳавӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 207 миллион сомонӣ ва бо ҷалби сармояи хориҷӣ 840 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст. Дар натиҷаи ҳамкориҳо бо мақомоти дахлдор оид ба татбиқи тадбирҳои мақсадноки Барнома дар соли 2019 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 27,7 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2012 - 9,1 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Ноил шудан ба чунин дастовардҳо ин пеш аз ҳама дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини ҳуқуқи истифодаи замин ва об, хидматрасонии кишоварзӣ, дастрасии низомҳои молиявӣ, низоми қарздиҳии ташкилотҳои қарзии хурд, афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, кафолати сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, дастрасӣ ба тухмиҳои хушсифат, нуриҳои минералӣ ва маводи кимиёвии асосӣ, инчунин дастрасии бештар ба хидматрасонии байторӣ ва кишоварзӣ (ҳифзи растанӣ, мубориза бо ҳашароти зараррасон ва бемориҳо) аз ҷониби бахши хусусӣ ва ғайра мебошад.

Дар якҷоягӣ бо шарикони рушд бо мақсади татбиқи "Барномаи ислоҳоти аграрии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" 6 гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст, аз ҷумла: ислоҳоти аграрӣ, ислоҳоти замин, ислоҳоти хоҷагии об, таҳияи механизми нави маблағгузории сектори аграрӣ, низоми идоракунии хоҷагии қишлоқ ва гурӯҳҳои тартиб додани барномаи иҷтимоии деҳот.

Азнавсозии сохтории комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, аз нав кардани фондҳои асосӣ барои мақсадҳои хоҷагии қишлоқ маблағҳои калон ва фаъолияти пурсамари онҳоро талаб мекунад. Маълум гардид, ки бе истифодаи фаъолонаи механизми худтанзимкунӣ дар иқтисодиёти аграрӣ, бидуни фароҳам овардани шароит барои фаъолияти мустақилонаи иқтисодӣ, иқтисодиёти самарабахш бунёд кардан мумкин нест.

Ҳоло дар бахши комплекси агросаноатӣ вазъияти нодире ба вуҷуд омадааст: бо коҳиши истеҳсолот, нерӯи кории арзон, корхонаҳои кишоварзӣ ба тавсеаи тавлидот ва сармоягузорӣ манфиатдор нестанд. Ин чунин маъно дорад, ки сектори аграрӣ танҳо барои истеъмоли имрӯза «кор» мекунад, вай барои тараққиёти минбаъдаи он захираҳо ба вуҷуд намеоварад, ғайр аз ин, боигарии миллии ин соҳа босуръат «хурда» мешавад.

Бинобар ин, барои эҳёи равандҳои сармоягузорӣ ва истеҳсолот дар баробари тадбирҳои анъанавӣ (таҳкими фаъолияти сармоягузории бонкӣ ва фондҳои махсуси ғайрибуҷетӣ, сармоягузории дохилӣ), инчунин ҳавасманд гардонидани сармоягузории истехсолкунандагони молро тавассути низоми андоз, ки афзоиши фаъолияти соҳибкориро таъмин мекунад, бояд ба роҳ монда шавад. Бозсозии равандҳои сармоягузорӣ дар ин самт танҳо дар сурати кам кардани пардохтҳои андозӣ ва дар ихтиёри худи хоҷагиҳо гузоштани қисми он имконпазир аст.

**АДАБИЁТ**

1. Афанасьев В. Закономерности и особенности развития рыночных отношений в аграрном секторе //Экономист. – 1995. № 1 – С. 53–63
2. Бобоев М.Р. Экономическое развитие республики в условиях рынка. Душанбе, 1991
3. Буздалов И. Аграрная реформа в России в свете исторического и зарубежного опыта //Международный сельскохозяйственный журнал. – 1993, № 1. – С. 14–15
4. Абдуллаев З.Р., Додобоев Т.Д. Основные направления государственного регулирования и государственной поддержки АПК //Экономика Таджикистана: стратегия развития, 2000, №3, с. 94-105
5. Носов С. интеграция инвестиционных ресурсов в структуре стратегического альянса // Вопросы экономики, 2002, № 1. - с. 140-152
6. Расулов Т. «Прямые иностранные инвестиции в экономику «ЕВРАЗЭС». Таджикистан: экономика и интеграция. – Душанбе,2003.- с.20-24
7. Элмуродов З. Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. Китоби дарсӣ –Душанбе, Ирфон 2013. -116с.
8. Фролова О.А. Экономическая эффективность государственной финансовой поддержки сельскохозяйственных организаций /О.А. Фролова //Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. -2011.-№9.-С 52-55
9. Программа реформирования сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012-2020 годы /Душанбе, сентябрь 2012 г. -С. 117.
10. Мадаминов А.А. Реорганизация аграрного сектора путь к устойчивому развитию сельского хозяйства //Обзорная информация. НПИ Центр, 2001. - №8. - С.8
11. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана /А.А. Мадаминов. Душанбе: ТАУ, -2006. -С.133-156

## АННОТАЦИЯ
## ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

В данной статье авторами отмечается, что принятие соответствующего документа «О реорганизации сельскохозяйственных предприятий и организаций», в процессе которого государственные заказы и цены на сельскохозяйственную продукцию были объявлены свободными, что способствовало аграриям свободному выбору посевных культур и производству продукции. Переход к новым формам экономических отношений, установление новых форм хозяйствования и приватизация собственности привели к радикальным изменениям в сельском хозяйстве. Утверждая значимость Программы «Реформа сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012-2020 годы», авторы отмечают, что она предусматривает расширение доступа дехканских (фермерских) хозяйств к большей площади пахотных земель, что поможет: увеличить производственные мощности, стабилизировать финансовое положение дехканских хозяйств и гарантировать поступление внешних инвестиций, в том числе из государственного бюджета.

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственное производство, финансы и кредит, финансирование, инвестиции, аграрная экономика, эффективность.*

## ANNOTATION
## FACTORS INFLUENCING THE ACTIVITY OF INVESTMENT PROCESSES IN AGRICULTURE

In this article, the author notes that with the adoption of the relevant document "On the reorganization of agricultural enterprises and organizations", in the process of which state orders and prices for agricultural products were declared free, which contributed to the free choice and production of products for farmers. The transition to new forms of economic relations, the establishment of new forms of management and the privatization of property have led to radical changes in agriculture. Affirming the significance of the "Program of agricultural reform of the Republic of Tajikistan for 2012-2020", the author notes that this program provides for expanding the access of dekhkan farms to a larger area of arable land, which will help increase production capacity, stabilize the financial situation of dekhkan farms and guarantee inflow of foreign investments, as well as from the state budget.

***Key words:*** *agricultural production, finance and credit, financing, investment, agricultural economy, efficiency.*

**Сведение об авторах:**
**Исламов Гафур Хокимович** - кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и предпринимательства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, E-mail: mtti2009@mail.ru

**Пирманова Нодира Саидназаровна** – Магистр II курса специальности экономика и управление в АПК, Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур,E-mail: nodira.tn@gmail.com.
**Шералиева Мавзуна Назруллоевна** – соискатель по специальности экономика и управление народным хозяйством: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами (агропромышленный комплекс и сельское хозяйство) Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, E-mail: mtti2022@gmail.com